**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи**
**Сотим Улуғзода**

аз 04. 02. 2023 ш. Душанбе

Баромади Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дар мавзуи **«Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)»** аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**, баромади муқарризони расмӣ – **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович**, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типология Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, **Қурбонмамадов Сомон Хушқадамович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон, муқарризони ғайрирасмӣ – номзади илмҳои филологӣ **Насруллоев М.Н.**, доктори илмҳои филологӣ, профессор **Шербоев С**, номзади илмҳои филологӣ, дотсент **Матробиён С.Қ.**,доктори илмҳои филологӣ, профессор **Касимов О.Ҳ.**, номзади илмҳои филологӣ, дотсент **Абдуллоева Г.З**. ва доктори илмҳои филологӣ, профессор **Ж.Б.Гулназарзода**-ро шунида, муҳокима карда, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дар мавзуи **«Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;
3. Ба Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологияро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шурои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои
диссертатсионӣ, профессор Турсунов Ф. М.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, дотсент Ҳасанова Ш. Р.
04.02.2023